“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон д.и.и., дотсент
_______________Асрорзода У.С.
“__21__”____12_____2023

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзуи “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

## 1. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Яке аз шаклҳои маъмул ва муҳимми иқтисоди миллӣ соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳисоб рафта, дар он истеҳсоли маҳсулот, мол, корҳо амалӣ шуда, хизматрасониҳо роҳандозӣ гардида, арзишҳои муайяни маънавӣ ташкил карда мешаванд. Ба соҳибкории истеҳсолӣ инноватсия, фаъолияти илмию техникӣ, истеҳсоли бевоситаи мол ва хизматрасониҳо, истеъмоли онҳо, инчунин фаъолияти иттилоотӣ дар ин соҳа дохил мешавад. Дар шароити муосир соҳибкории истеҳсолӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ба шумор рафта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон ба ин соҳа диққати ҷиддӣ равона кардааст.

Бояд қайд кард, ки ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ унсури муҳим ҷиҳати рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар худ имкониятҳои бузурги соҳибкориро дар асоси имтиёзҳои андозӣ ва реҷаи имтиёзноки арзию гумрукӣ доранд. Онҳо метавонанд сохтори муҳимми хоҷагидории миллӣ гардида, дар ин замина бо ҷалби фаъоли онҳо дар равандҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии мамлакат мусоидат намоянд.

Дар сурати рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолоти ватанӣ рушд намуда, бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат таъмин гардида, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ва дар умум механизми афзалиятноки таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Аз таҳлилу омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ маълум мегардад, ки ҷанбаҳои мухталифи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пурра омӯхта нашудааст. Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурии мо зарурати таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода, ки ҳадафи асосии онро омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, хеле саривақтӣ ва актуалӣ мебошад.

Далелҳои овардашуда мубрам будани мавзӯи интихобшудаи диссертатсияи илмии Абдураҳмон Ҳакимзодаро муайян намуда, аҳамияти илмӣ ва амалии онро тасдиқ ва исбот менамояд.

**2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илми эълоншуда**

Диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода "Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунад.

**3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявию методии соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, тавсияҳои амалӣ ҷиҳати рушди ин раванд асоснок шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки ба ҳимоя аз ҷониби муаллиф, нуқтаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии зерини илмӣ мебошанд:

– муаллиф дар диссертатсия нақши соҳибкории истеҳсолиро дар низоми иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, андешаҳои худро доир ба мафҳуми иқтисодии соҳибкорӣ пешниҳод намудааст (с.14-31);

– ба андешаи муаллиф дар шароити муносибатҳои бозорӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият замина мегузорад. Соҳибкории истеҳсолӣ барои таъсиси ҷойҳои кории нав, беҳтар гардонидани некӯаҳволии халқ, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти босифати ватанӣ, ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, ворид намудани технологияи инноватсионӣ, тақвият бахшидан ба суръати

рушди иқтисодии минтақаҳои қафомонда ва омода намудани мутахассисони соҳибтахассус шароити мусоид фароҳам меоварад;

– муаллиф дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ, имкониятҳои истифодаи таҷрибаи пешқадами онҳоро дар кишвар аз нуктаи назари илмӣ асоснок намудааст. Инчунин, муаллиф механизми фаъолияти МОИ-ро дар таҷрибаи ҷаҳонӣ муқоиса намуда, афзалиятҳои рақобатиро муайян карда, истифодаи таҷрибаи бойи ташаккул ва рушди фаъолияти МОИ-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст (с.47-67);

– таҳлилҳои муаллиф нишон дод, ки саҳми МОИ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, воридоти технологияи муосири инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда, таъсиси ҷойҳои кории нав ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ рӯз аз рӯз афзоиш ёфта истодааст. Муаллиф муайян кардааст, ки саҳми МОИ дар нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,42% ва дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,1%-ро ташкил медаҳад (с.82-97);

– дар диссертатсия муаллиф аз усулҳои таҳлили SWOT, экспертӣ, муқоисавӣ ва оморӣ истифода намуда, омилҳои асосии ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ таъсиррасонро ошкор ва таҳлил намуда, тавсияҳои мақсаднокро оид ба ҳалли мушкилоти соҳа асоснок ва пешниҳод намудааст (с.98-112);

– муаллиф дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ муайян намуда, барои мукаммалгардонии асосҳои қонунгузорӣ, идоракунӣ, тартиби интихоб ва бақайдгирии сармоягузорон, низоми андозбандӣ ва танзими гумрукӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ тавсияҳои илмию методӣ таҳия ва пешниҳод намудааст (с.113-124);

– ҳамзамон, дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори муосири соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ асоснок ва пешниҳод гардидааст. Ба андешаи муаллиф, ҷиҳати ташаккул ва рушди инфрасохтори муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, гирифтани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати бонкӣ, рушди низоми логистикӣ, фурӯш ва ғайраҳо муҳим мебошад (с.125-134).

Аз ҷониби муаллиф инчунин, сарчашма ва усулҳои сармоягузорӣ, самтҳои афзалиятнок ва имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷӣ ошкор гардида, тавсияҳои амиқ барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои

баланд бардоштани ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ пешниҳод гардидааст (с.136-253).

### 4. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқшаванда дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба рушди назарияи соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла дар МОИ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омода намудани мутахассисони самти иқтисод, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши соҳибкорӣ ва тиҷорат истифода шаванд. Ҳамзамон, тавсия ва пешниҳодҳоро субъектҳои фаъолияти соҳибкории МОИ метавонанд дар фаъолияти амалии худ васеъ истифода баранд.

### 5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқарраротӣ илмӣ ва хулосаву пешниҳодо

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои илмӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла усулҳои сабабу натиҷа, омӯзиши омилҳо, таҳлили SWOT, экспертӣ, оморӣ, муқоиса ва ғайра истифода шудаанд.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф ба таври самаранок бо адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот кор карда, далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот мустақилона ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

### 6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дароаҷаи ба итмом расидани он

Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодгардида аз муқаддима, се боб, хулоса, руйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар ҳаҷми 184 саҳифаи чопӣ навишта шуда, 33 ҷадвал ва 29 расмро дарбар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 155 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот муайян гардида, ҳамзамон маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст (с.3-13).

Дар боби якум **"Асосҳои назариявию методии таҳқиқи соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ"** нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди миллӣ, моҳият ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии МОИ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ, таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ баррасӣ гардидааст.

Ба ақидаи муаллиф, ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми илмию амалии рушди иқтисодиёт мебошад. Дар чунин шароит бунёд ва рушди МОИ самти муайянкуанда ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ мусоидаткунанда, дида баромада шудааст.

Ба андешаи муаллиф, МОИ ин ҳудуди махсуси аниқ муқарраргардидаи давлат буда, дар онҳо имтиёзҳои махсуси иқтисодӣ ва андозӣ барои соҳибкорон бо мақсади рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмию техникии минтақа ва кишвар фароҳам оварда шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон МОИ бояд минтақаҳои махсуси иқтисодӣ номгузорӣ карда шаванд, зеро дар чунин минтақаҳо озодӣ на ба маънои мутлақ, балки ба маънои нисбӣ омадааст, яъне субъектҳои минтақаҳои мазкур аз ҳама андозу пардохтҳо пурра озод нестанд.

Ҳамзамон, муаллиф дар диссертатсияи худ таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ-и кишварҳои ИМА, Чин, Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, тавсифи муқоисавии механизми фаъолияти онҳоро таҳия ва пешниҳод намудааст (с.14-67).

Дар боби дуюми диссертатсия **"Таҳлили вазъи муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** хусусиятҳои хоси ташаккул ва рушди МОИ, вазъи фаъолияти соҳибкории

истеҳсолӣ ва омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ-ро муаллиф мавриди омӯзиш қарор додааст.

Ба ақидаи муаллиф, яке аз ҳадафҳои асосии ташаккули МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ мебошад. Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф таҳлили SWOT гузаронида шуда, тарафҳои пурқувват, беқувват, имконият ва хатарҳо муайян карда шуданд, ки он имкон медиҳад дар оянда нақшаи чорабиниҳоро оид ба рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ амалӣ намуд (с.98-112).

Дар диссертатсия муаллиф ҳамзамон, омилҳои асосие, ки ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ таъсир мерасонанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, моҳият ва хусусияти механизми фаъолияти онҳоро ошкор намудааст.

Дар боби сеюм аз ҷониби муаллиф "**Дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ**" самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ташаккули инфрасохтор ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Дар ин боб муаллиф, самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ ошкор намуда, барои мукаммалгардонии асосҳои қонунгузорӣ, идоракунии МОИ, тартиби интихоб ва бақайдгирии сармоягузорон, низоми андозбандӣ ва танзими гумрукӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ тавсияҳои илмӣ-методӣ коркард ва пешниҳод намудааст. Ба ақидаи муаллиф, самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ асосан барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва ивазкунандаи воридот нигаронида шудааст (с.113-124).

Ба андешаи муаллиф, механизми ташкилию иқтисодии мукаммали таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки самаранокии унсурҳои асосии инфрасохтори институтсионалӣ-ҳуқуқӣ ва молиявӣ-қарзӣ, сармоягузорӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, инноватсионӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истеҳсолӣ ва фурӯш, илмӣ-техникӣ, нақлиётӣ-логистикӣ, кадрӣ, маркетингӣ ва экологӣ таъмин карда шавад (с.125-135).

Ба андешаи муаллиф, яке аз усулҳои фаъоли ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ташаккул ва рушди фаъолияти МОИ ба шумор меравад. Нақши МОИ дар рушди имкониятҳои сармоягузорӣ бисёр назаррас буда, омили муҳимми инкишофи имкониятҳои сармоягузориҳо шуда метавонад (с.136-153).

Диссертатсияи тақризшаванда бо хулоса ва тавсияҳои судманд барои рушдиояндаи объекти таҳқиқот анҷом меёбад (с.154-157).

## 7. Эроду тавсияҳо ба диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуктаҳоро қайд менамоем:

1. Ба андешаи мо, муаллиф зимни баррасии асосҳои назариявию методии рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз корҳои илмии олимони ватанӣ хеле хуб истифода бурдааст, вале доир ба масъалаи ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз олимони ватанӣ кам истифода бурдааст. Хуб мешуд, агар муаллиф барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати илмии диссертатсияи худ аз корҳои илмии олимони ватанӣ доир ба рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ бештар истифода мебурд.

2. Дар диссертатсия моҳият ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба таври васеъ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода нашудааст.

3. Новобаста аз он ки диссертатсия дар мисоли минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ таҳия карда шудааст, ба андешаи мо, беҳтар мебуд агар муаллиф рушди соҳибкории истеҳсолиро дар мисоли корхонаҳои минтақаи озоди иқтисодии мушаххас пешниҳод менамуд.

4. Дар боби сеюми диссертатсия, ки ба дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ бахшида шудааст, тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ асоснок карда шуда, коркард ва пешниҳод гардидааст, вале нақшаи дурнамо таҳия нагардидааст.

5. Дар диссертатсия ва автореферати он баъзан хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Абдураҳмон Ҳакимзодаро коҳиш намедиҳад. Дар умум диссертатсия таҳқиқоти баитмомрасида буда, мустақилияти муаллиф дар омода намудани он эҳсос мешавад.

## 8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Корҳои илмии интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 22 мақола ва корҳои илмӣ дар ҳаҷми 12 ҷ.ч. аз ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр намудааст.

**9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида**

Диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи "Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) анҷомёфта буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Абдураҳмон Ҳакимзода сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №5/1, аз 25-уми декабри соли 2023).

***Натиҷаи овоздиҳӣ:***

*Иштирок дошт - 21 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 17 нафар номзадону докторони илм;*

*Ҳуқуқи овоз доданро дорад – 16 нафар номзадону докторон;*

*Роҳбари илмии унвонҷӯ н.и.и., дотсент Ҳамитов М.С. ҳуқуқи овоз доданро надорад.*

*"Тарафдор" - 16 нафар; "зид" – нест; "бетараф" – нест.*

**Раисикунандаи ҷаласа:**

н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ — Саидова М.С.

**Тақризро омода намуд:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи
иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ Сафоев А.К.

**Котиби ҷаласа:**
омӯзгори калони кафедраи назарияи
иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ Аҳмадова М.Ф.

Имзоҳои Саидова М.С., Сафоев А.К. ва Аҳмадова М.Ф.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

**Суроғаи муассисаи пешбар:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5,
тел: (+992 37) 2348800 (03), 907733247
E-mail: dsx_ips@mail.ru, web: http:iutet.tj